# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Расулзода Субҳон Пирмад дар мавзӯи “Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар љараёни таълими химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (2004) асосҳои ҳуқукӣ, ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодии инкишофи маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, сохтори низоми маориф, принсипҳои танзим, идоракунӣ, ваколату самтҳои фаъолияти мақомоти онҳоро муқаррар менамояд ва барои дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ аз он ҷумла стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ оид ба соҳаи маориф заминаи ҳуқуқӣ мегузорад.

Ба ташаккул додани шахсият, гуманизатсиякунонии муассисаҳои таълиму тарбия, истифодаи технологияи нави инноватсионӣ аҳамияти махсус дода мешавад.

Хосияти хоси услуби тафаккури илмии шахсият ба технологияи ташаккул додани он дар шароити муассисаи таълимӣ таъсири худро мерасонад.

Дар асоси максади таҳқиқот унвонҷӯ чунин вазифаҳои ин фаслро муайян намудааст: тартиб додани амсилаи ташаккул додани тафаккури илмӣ, асоснок кардани шароити педагогии ташаккул додани он, муайян кардани аломатҳо ва хосияти хоси технологияи ташаккул додани услуби тафаккури илмӣ дар асоси вазифаҳои дидактикии курси химия.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он бори аввал:

- раванди фаҳмиши ташаккули тафаккури илмӣ дар адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ муайян карда шудааст;
- истифодаи категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ дар омӯзишӣ химия ва нақши онҳо дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар асоси таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ тавсиф ва арзёбӣ гардид;
- технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои дидактикии курси химия муайян карда шуд;
- ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди омӯзиши мафҳумҳои умумии химия тавассути категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифт;
- категорияҳои фалсафӣ барои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими химия муайян карда шуданд;
- истифодаи имкониятҳои тафаккури эҷодӣ, фаъолият доир ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар химия мавриди баррасӣ қарор гирифт;
- таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ доир ба татбиқи технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ амалӣ карда шуд;
- таҳқиқи ташаккули тафаккури илмӣ дар раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ дар гурӯҳҳои озмоишию назоратӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он мавриди мукоиса ва арзёбӣ қарор гирифтанд.

Дар мукаддимаи автореферати диссертатсия аҳамияти илмии мавзӯъ асоснок карда шуда, ҳадаф, объект, предмет ва масъалаҳо муайян гардида, мухолифатҳо ва фарзияи таҳқикот ифода ёфта, навоварии илмӣ, марҳилаҳои таҳқиқот пешниҳод шуда, аҳамияти

амалии автореферати диссертатсия, мафҳумҳои заминавӣ асоснок гардонида, маълумот оид ба озмоиши натиҷаҳо, сохтори автореферати диссертатсияи илмӣ ба ҳимоя бароварда шудаанд.

Дар боби якум – “Масъалаи ташаккул додани тафаккури илмї дар ҷараёни таълими химия” – хусусиятҳои марбут бо раванди фаҳмиши ташаккули тафаккури илмӣ дар адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ; истифодаи категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ дар омӯзишӣ химия ва нақши онҳо дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ ва технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои дидактикии курси химия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюм – “Ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар амалӣ намудани имкониятҳои методии фанни химия” – масъалаҳои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди омӯзиши мафҳумҳои умумии химия тавассути категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ”; истифодаи категорияҳои фалсафӣ барои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими химия ва истифодаи имкониятҳои тафаккури эҷодӣ, фаъолият доир ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар химия мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар боби сеюм - “Озмоиши педагогии муваффақиятнокии технологияи пешниҳодшуда” - таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ доир ба татбиқи технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ; таҳқиқи ташаккули тафаккури илмӣ дар раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ ба анҷом расидаанд.

Мазмун ва муҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо нашршуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи муаллиф мувофиқат менамоянд.

Бо назардошти арзиши илмию амалии автореферати диссертатсияи мазкур ва пешниҳоду дархостҳои боло автореферати диссертатсияи Расулзода Субҳон Пирмад дар мавзӯи “Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар љараёни таълими химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Номзади илмҳои тиб,
Директори Коллечи тиббии ш.Бохтар
Нуриддинзода А Д ---------
04.09.2019.

Имзои н.и.т. – ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ---------